**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.**
**________________________**
**«26» январи соли 2024**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» ба бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Дар забоншиносии тоҷик оид ба табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ корҳои зиёде анҷом ёфта бошанд ҳам, вале дар хусуси накши воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамчун омили тавлиддиҳандаи маъноҳои гуногун дар низоми маъноии ифодаҳои рехта суханҳои илмӣ хеле кам гуфта шудаанд. Ошкор сохтани мазмуну моҳияти воҳиди фразеологӣ ва баррасии анвои маъноии он дар заминаи корбурди яке аз васоити бадеии тасвири забонӣ метавонад воҳиди фразеологиро ҳамчун воҳиди якпорча бо маънои ягона қаламдод кунад. Чунин шеваи таҳқиқ дар забоншиносии тоҷик равиши нисбатан нави илмӣ буда, дар амалияи пажӯҳиш кам ба назар мерасад. Дар ин замина мо метавонем рисолаи диссертатсионии Дустзода Ҳамрохон Ҷумъаро зери унвони “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)” дар забоншиносии тоҷик икдоми муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ кунем.

Дар диссертатсия роҷеъ ба таҳлилу баррасии накши воситаҳои тасвири бадеӣ (муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя) дар

ташаккули воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, муқаррар намудани мафҳуми аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, дар асоси назарияҳои пешқадами илмӣ муайян намудани мафҳуми маънои забонӣ ва хелҳои он, баррасии маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ, муқаррар намудани маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод гардидааст.

Таъкид мегардад, ки нишондоди асосии зоҳиршавии ин ё он воситаи тасвири бадеӣ дар сохтори воҳиди фразеологӣ, пеш аз ҳама, маҷози забонӣ мебошад. Он аз маҷози бадеӣ тафовут дошта, танҳо дар наср ва бештару хубтар дар фразеологизмҳо ошкор мегардад. Агар дар сохтори калима маҷоз ба таври хираву норавшан эҳсос гардад, дар сохтори воҳиди фразеологӣ, ки нисбатан тафсилёфта мебошад, зоҳиршавии он ба таври аён сурат мегирад. Маҷози забонӣ дар воҳидҳои фразеологӣ унсурест, ки ифодаи ғайривоқеии мафҳумро ба вуҷуд меорад ва чунин зоҳиршавӣ ҳатман ба тариқи ин ё он воситаи тасвири бадеӣ сурат мегирад. Мавҷудияти воситаи тасвири бадеӣ бошад, дар мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ ин ё он маъноро ба вуҷуд меорад. Ин навъи маҷози забониро дар воҳидҳои фразеологӣ маҷози фразеологӣ номидан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамияти мавзуъ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми бевоситаи шахсии ӯро таъкид менамоянд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди назаияҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант унвон кард. Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба маъношиносӣ мусоидат менамояд. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои мушоҳидаву муқоиса, хулосабарорӣ, таҳлили синхронӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матнӣ, сохториву маъноӣ, оморӣ ва таҳлилу таҷзияи маводи фразеологӣ босамар истифода намудааст. Тибқи андешаи муаллиф воситаҳои тасвири бадеӣ

дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба мавҷудияти маъноҳои гуногун боис мегарданд, ки миёни онҳо маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ бештар мушоҳида мешаванд.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид намуд, ки дар диссретатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа бо як равиши муназзами илмӣ масъалаҳои сохтор ва низоми маъноии захираи фразеологии забони тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шуда, мақсади ниҳоӣ ба даст омадааст. Натиҷаҳои бадастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки интихоби мавзуъ ва равиши баррасии илмии он дуруст ба роҳ монда шудааасаст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар илми забоншиносии тоҷик мақом ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва низоми маъноии воҳидҳои фразеологӣ муқаррар мегардад. Дар ин замина мавқеи маъноҳои фразеологӣ, мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ нишон дода шуда, истилоҳоти тозаи илмии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ пешниҳод карда мешаванд.

**Аҳаммияти назарии** рисолаи таҳқиқии Ҳамрохон Дустзода бо он асоснок мегардад, ки ба хулосаҳои муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун дар илмҳои фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ, сарфу наҳв, услубшиносӣ, адабиётшиносӣ ва ғайра метавон такя намуд.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки маводи фароҳамомада, хулоса ва натиҷагириҳои илмии муаллиф метавонанд дар ҷараёни таълифи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, таълифи фарҳангҳои тафсирию фразеологӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз фанҳои фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу наҳв, навиштани рисолаҳои доктории дараҷаи PhD, номзадӣ, магистрӣ ва рисолаҳои хатм дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода шаванд.

Диссертатсияи Дустзода Ҳ.Ҷ. муқаддима, 4 боб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти илмиро бо нақшаву гистограммаҳо фаро гирифтааст ва бо ҳаҷму мазмун ва моҳияти хеш ба талаботи илмии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ҷавобгӯ аст.

Дар муқаддима роҷеъ ба дархости замон будани мавзуъ, дараҷаи пажӯҳиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии диссертатсия ва навгониҳои он, аҳаммияти назариявию

амалии таҳқиқ, муқаррароти асосии кор, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ва ихтисораҳо маълумот пешниҳод гардида, муҳиммияти мавзуи таҳқиқ ва объекту предмети он мушаххас карда шудааст.

Боби якуми диссератсия "Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар танзими маъноҳои воҳиди фразеологӣ"(саҳ. 19-145) унвон дошта, аз 8 фасл иборат аст ва масоили аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он, маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ, маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, маънои эҳсосотӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ва нақши маҷози забонӣ дар ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологиро дар бар гирифтааст.

Масъалаҳои мазкур бо далелу мулоҳизаи мантиқӣ ва бамаврид ҳалли худро ёфтаанд. Масалан, дар фасли "Маънои забонӣ ва навъҳои он" муаллифи диссертатсия миқдори зиёди таълифоти ин соҳаро бо шеваи мубоҳисаи илмӣ баррасӣ намуда, ба чунин хулосае меояд: "Ба назари инҷониб, маънои луғавӣ ва мафҳумро дар калима баробар ҳисобидан аз ҷониби муҳаққиқони мазкур то андозае ба ҳақиқати илмии масъала созгор нест, зеро маънои луғавӣ дар калима ин инъикоси бевосита ва бавоситаи ашё, ҳодисаву воқеа дар шакли овозии алоҳида буда, мафҳум, асосан, дониши муайян (тасаввуроти муфассал ё мухтасар – Ҳ.Д.)-и моро дар бораи ҳамон шайъу ҳодисаҳо ташкил медиҳад. Дар ин маврид муҳаққиқони муҳтарам масъалаи инъикосоти мафҳумро дар шуури инсон бо тасаввурот дар хусуси он омехта намудаанд, ки мухталифандешии зиёдро ба вуҷуд овардааст." (дисс., с. 43).

Боби дуюми диссертатсияи Дустзода Ҳ.Ҷ. "Муболиға ва истиора дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ" (саҳ.146-246) ном дошта, дар он дар 8 фасл ба таври возеҳ масъалаҳои муболиға ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиора ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии истиоравӣ, хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ, гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ баррасӣ ва натиҷагирӣ шудаанд. Чунончи, дар

фасли "Гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ" муаллифи диссертатсия воҳидҳои фразеологии истиоравиро монанди дигар қишрҳои воҳидҳои фразеологӣ ба ду гурӯҳи асосӣ – идиома ва фраземаҳо ҷудо карда, заминаи чунин таснифотро зоҳиршавии маънии маҷозӣ чун воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ меҳисобад.

Боби сеюми диссертатсияи тахти унвони "Ташбеҳ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ" (саҳ. 247-310) дар 6 фасл баррасии масъалаҳои муҳимми робитаи мутақобилаи воситаи бадеии сухан ва воҳидҳои фразеологиро аз қабили ташбеҳ ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, нишонаҳои забонии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, ифодаи образҳои мардумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ва гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ фаро гирифтааст.

Дар ин боб яке аз масъалаҳои ҷолиб масъалаи вижагиҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи мулоҳизаҳои муаллифи диссертатсия, воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ аз рӯйи қолаб ва таркиби лексикиву граматикӣ ба гурӯҳҳои зерин: а) таркибҳои ташбеҳӣ (монанди хумориёни чилим «ҳарисона, пурхумор», монанди хонаи занбӯр «пур аз ғавғо», каллаи хар барин «ниҳоят зиёд»); б) ибораҳои ташбеҳӣ (чун парӣ зебо, даҳони сатил барин калон, монанди товуси ҷаннат хиромидан «ҳаракатҳои зебо кардан») ва в) ҷумлаҳои ташбеҳӣ (ба мисли нобиное, ки худро ба об афканда дасту по занад ба маъно «ноилоҷ, имдодталабона», ба мисли кабке, ки ба лонааш мор ҳуҷум оварда «безобита, беқаророна», монанди мушоне, ки аз гурба гурезанд «тарсон, ҳаросон», монанди шере, ки дар газаб омада бошад «дар қаҳру ғазаб, бадхашмона») ҷудо мешаванд.

Боби чоруми диссертатсия "Тавсиф ва киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ" (саҳ. 311-376) номгузорӣ гардида, дар он дар 7 фасл роҷеъ ба тавсиф ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохтории ибораҳои фразеологии тавсифӣ, хусусиятҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ, гурӯҳҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ, киноя ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии киноявӣ ва хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ андешаву маълумоти ҷолиб пешниҳод гардидааст.

Яке аз нуктаҳои ҷолиби ин боб фасли "Хусусиятҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ" мебошад, ки дар он ифодаи маънои

эҳсосотиву баҳодиҳӣ ва ифодаи маънои мафҳумию образноки ибораҳои фразеологии тавсифӣ муфассал таҳлилу тавзеҳ гаштааст.

Дар ҳар боби диссератсия муаллиф андешаҳои хешро мустақилона изҳор намудааст, ки навгониҳои корро муайян ва мушаххас месозанд. Дар умум, навгонии пажӯҳиши илмии мазкур дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ба таври мушаххас баррасӣ шудааст. Чунин шеваи таҳқиқ ба муаллиф имкон додааст, ки дар ин замина роҷеъ ба истилоҳоти нави илми забоншиносии тоҷик, аз қабили воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод созад. Дар робита ба ин падидаҳо дар диссертатсия мафҳумҳои аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он, таҳлили тобишҳои маъноии мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ муқаррар гардидаанд.

Хулосаи диссератсия аз 28 банд иборат мебошад ва ҳар як банд ба мақсад ва вазифаҳое, ки диссертант дар пеш гузоштааст, пурра мувофиқат менамояд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот низ муҳим ва муфид ҳастанд.

Сарфи назар аз дастовардҳо, дар диссертатсия баъзе нукоти баҳсомез ва норавшан баён шудаанд, ки ишораи онҳо ба манфиати минбаъдаи пажӯҳиши мазкур хоҳад буд:

1. Дар номи бобҳои дуюм, сеюм ва чоруми диссертатсия ибораи «сохтори воҳидҳои фразеологӣ» таъкид гаштааст, дар сурате ки дар ин бобҳо паҳлуҳои маъноии ибораҳои фразеологӣ таҳқиқ шудаанд, яъне дар номи бобҳо ҷанбаи маъноии таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ низ бояд зикр мегардид.

2. Дар диссертатсияи мазкур падидаву истилоҳоти зиёди адабиётшиносӣ, аз қабили **ташбеҳ, муболиға, истиора, киноя, маҷоз, тасвири бадеӣ, санъатҳои бадеӣ** ва ғ. хеле фаровон истифода ва муфассал тавсифу баррасӣ шудаанд. Масалан, яке аз фаслҳо “Муболиға ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ” (саҳ. 146-158) номгузорӣ шудааст, ки тарзи баёни он ба адабиётшиносӣ бештар наздик аст. Оид ба ин масъала дар саҳифаи 16-и диссертатсия низ ишора рафтааст. Банду басти бобҳо низ аз рӯйи санъатхои бадеӣ (муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф, киноя) сурат гирифтаанд. Ба назари мо, агар диссертатсияи мазкур дар марзи ду ихтисос – забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ ҳимоя мегардид, беҳтар ва арзиши он бештар мебуд.

3. Дар банди “Асосҳои методологии таҳқиқ” (саҳ.14) муаллифи диссертатсия методҳои таҳқиқро номбар кардааст, ҳол он ки дар ин банд бояд сухан дар бораи он заминаҳои методологӣ ва мактабу равияҳои забоншиносӣ равад, ки диссертант дар рафти пажӯҳиши худ ба онҳо такя кардааст.

4. Дар диссертатсия чандин маротиба дар бораи падидаҳои лингвистие бо номи **литота, перифраза, фразема** (саҳ.14, 71, 156, 189, 190, 191, 203, 224, 226, 239, 318 ва ғ.) сухан меравад ва шарҳу тавзеҳи онҳо бо такя ба дигар олимон пешниҳод мегардад. Ишораҳо меравад, ки фразема ҳамчун истилоҳ дар забоншиносии тоҷик истифода мегардад, вале маълум ва равшан нест, ки **литота ва перифраза** чун падида ва истилоҳ дар забоншиносии тоҷик ҷой доранд ё не.

5. Дар диссертатсия баъзе норасоиҳои услубӣ ба назар мерасанд, аз қабили “илми фразеология” (саҳ. 5), “монографияи докторӣ” (саҳ. 10), “ба тавассути” (саҳ. 23, 41) ва ғ.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илми таҳқиқоти мазкурро халалдор намесозанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажӯҳишӣ ба анҷом расонидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад. Бар замми ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти забоншиносӣ мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 18 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Хулоса,** диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва умқу вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пурраги мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илми доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қосимов Олимҷон Ҳабибович омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 23-уми январи соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 20 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи №6, аз 23.01.2024.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Турсунов Фаёз Мелибоевич

Мудири кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Сафарова Гулчеҳра Файзовна

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Қосимов Олимҷон Ҳабибович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забоншиносӣ
ва рӯзноманигории Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Насруллоев Муҳаммад Нуриллоевич

**Имзоҳои д.и.ф., профессорон Турсунов Ф.М., Қосимов О.Ҳ., н.и.ф. Сафарова Г.Ф. ва Насруллоев М.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +992 (37) 232-50-03; 232-50-00.
Сомонаи расмӣ: www.ddzt.tj
E-mail: ddzt@ddzt.tj

«25» январи соли 2024.